Ӯро накуш, агар ӯро бикушӣ ӯ дар ҷойгоҳи ту қарор мегирад, ки қабл аз куштани ӯ доштӣ. Ва ту дар ҷойгоҳи ӯ қарор мегирӣ, қабл аз ин ки он ҷумларо гуфтааст

Аз Миқдод ибни Амри Киндӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки ӯ ба Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: Чӣ мешавад агар ман бо яке аз кофирон дар ҷанг рӯбарӯ шавам, ӯ бо шамшер яке аз дастонамро бурад, баъд ба таги дарахте аз ман паноҳ барад ва гӯяд: Ман ба Худо таслим шудаам (яъне, мусалмон шудам), оё ман метавонам ӯро пас аз ин калима бикушам? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Ӯро накуш". Гуфт: Эй Расули Аллоҳ! ӯ як дасти манро бурида ва он ҷумларо баъд аз буридани дастам гуфтааст. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: "Ӯро накуш, агар ӯро бикушӣ ӯ дар ҷойгоҳи ту қарор мегирад, ки қабл аз куштани ӯ доштӣ. Ва ту дар ҷойгоҳи ӯ қарор мегирӣ, қабл аз ин ки он ҷумларо гуфтааст."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Миқдод ибни Асвад (разияллоҳу анҳу) аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсид: Агар ман бо як марди кофир дар ҷанг рӯбарӯ шавам ва мо бо шамшер мубориза кунем, то он кофир бо шамшер яке аз дастонамро бибурад, сипас аз ман гурехта, ба зери дарахте паноҳ бигирад ва бигӯяд, "Ло илаҳа иллаллоҳ", оё барои ман ҷоиз аст, барои он ки дастамро бурида аст ӯро бикушам? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ гуфт: Ӯро накуш. Ӯ гуфт: Эй Расули Худо, ӯ яке аз дастонамро буридааст, оё бо вуҷуди ин ман набояд ӯро бикушам?! Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: Ӯро накуш, зеро хуни ӯ (баъд аз зикри калимаи тавҳид) ҳаром шудааст. Агар пас аз исломаш ӯро бикушӣ, хуни ӯ мисли хуни касе аст, ки барои исломаш ҳифз шудааст. Аммо ту дар ҷои ӯ қарор мегирӣ ва хунат мубоҳ мегардад, ки барои куштани як мусалмон мавриди қасос қарор мегирӣ.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/4815